# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.03.01 – Физиология пешниҳод гардидааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки то ҳоло дар тибби варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон моводи биологии табиати мутобиққунандаги дошта аз ашёи хоми ватани омодакардашуда вуҷуд надорад. Аксарияти адаптогенҳое, ки ба ҷумҳури ворид мегарданд сифати наоқадар балнд дошта, арзишашон баланд буда ба варзишгарон дастрас намебошад. Аз ин рӯ мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Шерализода Орзуҷон Зафар яке аз мубрамтарин масъалаҳои тибби варзиши ҳисобида мешавад.

Аз замонҳои қадим дар тибби ниёгон ва тибби халқӣ, хусусан дар асарҳои А.Сино, Абумансури Муаваффақ ва дигар олимон ин се гиёҳро барои табобати бемориҳои зиёд ба монанди беҳоли, бемадорӣ, хастагии асаб, дарди буғумҳо ва инчунин ҳангоми табобати илтиҳоби узувҳои дохили истифода мебудаанд.

Бартари кори дисертант Орзуҷон Зафар аз он иборат аст, ки бо истифода аз технологияи муосири дорусозӣ шарбати решаи ширинбия, заринреша ва качимро таёр намудааст, ки хосиятҳои органолиптикии беҳтарин дошта мудати тулонӣ хусусияти физикавӣ ва химиявии худро нигоҳ дошта барои истеъмол осон мебошад.

Аз таҳлили кори унвонҷӯ маълум мегардад, ки се гиёҳи маъмули дорои таркиби бойи моддаҳои фаъоли биологиро интихоб намуда, хусусияти мутобиққунандагии дар се гурӯҳи варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ зери санҷиши муқоисавии худ қарор додааст, ки арзишнокии ин кор якчанд маротиба баланд мегардад.

Аз нигоҳи дисертант хусусияти мутобиққунандагии гиёҳҳои омӯхташаванда ба миқдори полифенолҳо, флаваноидҳо, микроэлементҳо, витаминҳо ва ғайра вобаста мебошад, ки ин моддаҳо бо ду роҳ таъсири худро дар организми инсон амалӣ месозанд. Роҳи аввали таъсиррасонии ин гиёҳҳо ба системаи марказии асаб алоқаманд мебошад. Роҳи дуюм ин тавасути системаи эндокринӣ бо роҳи баланд кардани синтези гормонҳо ба амал меояд.

Шарбатҳои омӯхташаванда дар сатҳи молекула таъсир расонида синтези муҳимтарин моддаҳои органикӣ сафедаҳоро пурзур намуда миқдори

холестерин ва дигар чарбҳоро паст намуда организмро барои сарфакорона истифода намудани энергияи мавҷуда мутобиқ мегардонад.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 15–мақола, аз ҷумла 9 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 6 – мақолаи илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола баъзе камбудиҳо имлои, граматикӣ мушоҳида мегшаддад, ки ба сатҳу сифати кор таъсир намерасонад.

Хулоса кори илмии Шерализода Орзуҷон Зафар аз рӯйи муҳимият мақсаду вазифа, навгонии илмӣ аҳамияти назариявию амалӣ дошта, интишорот ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаи оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, кори илмии мазкур ба ҳимояи асоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ тавсияи дода мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
**Ходими пешбари озмоишгоҳи илмӣ-тадқиқотии**
**МД "Пажуҳишгоҳи тибби бунёди"-и**
**МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино",**
**доктори илмҳои тиб, профессор** **Азонов Ҷ.А.**

«02» 01 с. 2026

**Суроға:** 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, н. Сино
**Телефон:** (+992) 779 99 91 69
**E-mail:** azonov_02@mail.ru

**Имзои** ___________ **тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати рушди кадрӣ**
**МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино",**
**номзади илмҳои тиб** **Сафаров Б.И.**

**Суроға:** 734026, ЧТ, ш. Душанбе, н. Сино, куч. Сино 29-31
**Тел/факс:** (+992) 446-600-3977, 2353496.
**E-mail:** info@tajmedun.tj
**Web-сайт:** www.tajmedun.tj

«02» 01. с. 2026